آواز تاجیک

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

**7 ноябри соли 2020. Шанбе**

**№ 82 (14681)**

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ИСЛОҲСОЗИИ БОСУРЪАТИ КОРХОНАҲО БО ИШТИРОКИ ДАВЛАТ ВА ХУСУСИГАРДОНИИ АКТИВҲОИ ДАВЛАТӢ

Солҳои охир дар мамлакатамон оид ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони моликияти хусусӣ пайваста ислоҳот татбиқ мегарданд.

Дар баробари ин, таъхир ёфтани гузариш ба механизмҳои бозорӣ дар баъзе соҳаҳо ва корхонаҳои калон, ки ҳиссаи давлат дар онҳо боқӣ мондааст, ба роҳандозии истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазир, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, созмон додани ҷойҳои нави корӣ бо ҷалби фаъоли сармояи хусусӣ монеъ мешавад.

Бо мақсади тезонидани татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ дар корхонаҳо бо иштироки давлат, ки ба истеъмолгар нигаронда шудааст, тамоюлҳои рӯшод, шаффоф ва бозоргонӣ, зиёд кардани даромад аз ҳисоби кам кардани арзиши аслӣ, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои иштирок дар раванди ислоҳоти сармояи хусусӣ, коҳиш додани иштироки давлат дар иқтисодиёт ва минбаъд беҳтар намудани муҳити рақобат:

1. Ба эътибор гирифта шавад, ки гурӯҳҳои кории бо роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон таъсисёфта фаъолияти **тақрибан се ҳазор** корхона бо иштироки давлатро пурра омӯхта, **оид ба якбора кам кардани ҳиссаи корхонаҳо бо иштироки давлат дар иқтисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо** пешниҳодҳо таҳия карданд.

Инҳо тасдиқ карда шаванд:

**Рӯйхати корхонаҳои калони давлатӣ ва иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, ки бояд тағйир дода шаванд**, мувофиқи замимаи №1;

**Рӯйхати корхонаҳо бо иштироки давлат, ки дар онҳо идоракунии корпоративӣ ва аудити молиявӣ татбиқ карда, самаранокии амалиётӣ баланд мешаванд**, мувофиқи замимаи № 2;

Рӯйхати активҳои давлатӣ, ки ба савдоҳои оммавӣ **тавассути барномаҳои мақсадноки омодагии пеш аз хусусигардонӣ ва баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузорӣ** гузошта шудаанд, мутобиқи замимаи № 3;

**Рӯйхати корхонаҳое, ки саҳмияҳои (ҳиссаҳои) давлатии онҳо пурра ба бахши хусусӣ** тавассути савдоҳои оммавӣ фурӯхта мешаванд, мутобиқи замимаи № 4;

**Рӯйхати объектҳои ғайриманқули амволи давлатӣ, ки ба бахши хусусӣ** фурӯхта мешаванд, тибқи замимаи № 5.

2. Дар сохтори дастгоҳи марказии Вазорати молия **Департаменти тағйир додани корхонаҳои калон бо иштироки давлат** (минбаъд – Департамент) бо 24 воҳид шумораи умумии ниҳоии ҳайати роҳбарикунанда ташкил карда шавад. Ин воҳидҳои штатӣ аз ҳисоби ихтисори мутаносибан 12 воҳиди штатии мақомоти молия ва мақомоти хадамоти давлатии андоз ташкил карда шаванд.

Вазифаҳои асосии Департамент дар корхонаҳо бо иштироки давлат, ки дар замимаи №1 Фармони мазкур пешбинӣ шудаанд, инҳо муайян карда шаванд:

ташкили аз ҷониби Вазорати молия амалӣ намудани ваколат ва вазифаҳои саҳмдор (иштирокчӣ, мулкдор) аз номи давлат;

**то 1 апрели соли 2021** – таҳияи ҳисоботи молиявии корхонаҳо барои солҳои 2019-2020 дар асоси Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) ва ба Девони Вазирон барои тасдиқ ворид намудани ҷадвали гирифтани рейтингҳои кредитии байналмилалӣ;

**то 1 апрели соли 2021** – таҳияи стратегияи баркарорсозии молиявӣ барои ҳар як корхона, баланд бардоштани самаранокии фаъолият, инчунин рушди миёнамуҳлат ва дарозмуддат бо ҷалби ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии машваратӣ дар асоси озмун;

**то 1 июли соли 2021** – ҷорӣ намудани системаи замонавии идоракунии корпоративӣ, ки аудити системаҳои харид ва менеҷмент, инчунин ташаккули хидмати «системаи комплаенс» (комплаенс) ва муқовимат бар зидди коррупсияро пешбинӣ мекунад;

**то 1 июли соли 2021** – бо мутахассисони баландихтисоси байналмилалӣ таъмин намудани ҳадди ақалл 30 фоизи ҳайати шӯроҳои нозирон ва ҳадди ақалл се вазифаи роҳбарикунанда дар раёсати корхона тавассути дар асоси озмуни байналмилалӣ фаъолона ҷалб намудани мутахассисони хориҷӣ ба ин соҳа (аз ҷумла ҳамватанон) ба шӯрои нозирон ва раёсати корхона.

3. Вазорати молия нисбати корхонаҳо бо иштироки давлат, ки дар замимаи № 1 Фармони мазкур зикр шудааст, Агентии оид ба идоракунии активҳои давлатӣ (минбаъд – Агентӣ) нисбат ба корхонаҳо бо иштироки давлат, ки дар замимаи № 2-и Фармони мазкур зикр шудаанд:

**то 1 январи соли 2021** — якҷоя бо Кумитаи давлатии геология ва захираҳои минералӣ рӯйхат ва «харитаҳои роҳ»-и пасандозҳоро (захираҳои давлатӣ), ки мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ аз нав арзёбӣ карда мешаванд, тасдиқ кунад;

**то 1 феврали соли 2021** лоиҳаи буҷаи корхонаро барои соли 2021 таҳия намояд;

**то 1 июли соли 2021** таҳияи нақшаҳои сесолаи тиҷоратиро (фаъолиятҳои ҷорӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ) ва манбаъҳои мушаххаси маблағгузории онҳо, аз ҷумла аз ҳисоби маблағи бозорҳои байналмилалии молиявӣ, инчунин модели молиявӣ) таъмин намоянд;

**то 1 июли соли 2021** инвентаризатсияи тамоми лоиҳаҳои инвеститсионии корхонаҳоро анҷом диҳад, барои боздоштани лоиҳаҳои оғознаёфта ва лоиҳаҳое, ки барои онҳо манбаъҳои молиявӣ муайян нашудаанд, чораҳо андешанд.

Девони Вазирон (Ж.Қӯчқоров) **то 1 январи соли 2021** «харитаҳои роҳ»-ро оид ба татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи ин банд дар доираи ҳар як корхонае, ки дар замимаҳои №№1 ва 2-и Фармони мазкур нишон дода шудааст, тасдиқ кунад.

4. Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Вазорати молия, Кумитаи зиддиинҳисорӣ, Агентии мубориза бо коррупсия ва Агентӣ:

**то 1 декабри соли 2020** инвентаризатсияи имтиёз ва сабукиҳоеро, ки ба муҳити рақобат таъсир мерасонанд, баргузор намояд, ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон лоиҳаи қарор дар бораи бекор кардани онҳоро тақдим намояд;

ҳамзамон бо баргузор намудани раванди трансформатсияи корхонаҳое, ки дар замимаҳои №№1 ва 2-и ин Фармон нишон дода шудаанд, нақшаи чорабиниҳоро оид ба гузариши пурра ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ, ташаккули муҳити рақобат ва ҷалби бахши хусусӣ ба фаъолияти ин корхонаҳо таҳия намояд;

**то 1 январи соли 2021** якҷоя бо Вазорати кишоварзӣ фаъолияти ҷамъиятҳои саҳҳомии **«Ўзагросервис» ва «Ўзагрокимёҳимоя»**-ро аз нигоҳи танқидӣ баррасӣ намуда, **оид ба ташкили фаъолияти онҳо дар асоси принсипҳои бозорӣ ва рушди сектори хусусӣ** дар ин соҳа пешниҳодҳо тақдим кунад.

5. Ба Вазорати молия оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти Департамент ва Агентӣ ваколатҳои зерини иловагӣ дода шавад:

дар асоси озмун ҷалб намудани ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ, консалтингӣ, аудиторӣ, хедхантерӣ ва дигар ширкату коршиносон, инчунин бастани шартномаҳо бо онҳо;

ташкили офисҳои лоиҳа, ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии молиявии (маблағҳои буҷетӣ, корхонаҳо бо иштироки давлат, грантҳо ва маблағҳои қарзии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ) фаъолияти онҳо.

6. Комиссияи давлатӣ оид ба баргузории тендерҳо ҳангоми фурӯши амволи давлатӣ (А. Арипов) барои ҳар як активи давлатӣ, ки дар доираи барномаҳои мақсадноки омодагии пеш аз хусусигардонӣ ва баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузорӣ ба савдоҳои оммавӣ гузошта шудаанд, мутобиқи замимаи №3 ба ин фармон, таъмин намояд:

**то 15 ноябри соли 2020** – ташкили гурӯҳҳои корӣ;

**то 1 феврали соли 2021** – ҷалби ташкилотҳои машваратӣ оид ба хусусигардонӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва таҳияи «харитаҳои роҳ» барои иҷрои ин корҳо;

**то 1 июли соли 2021** — таҳияи барномаҳои мақсадноки омодагии пеш аз хусусигардонӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо.

7. Девони Вазирон (А. Раматов), Вазорати сохтмон (Б. Закиров, Ш. Ҳидоятов) ва Агентӣ (С. Бекенов) бояд дар муддати ду моҳ ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ бо иштироки давлатиро, ки дар замимаи №3 Фармони мазкур нишон дода шудааст, дубора инвентаризатсия кунанд, оид ба тайёр намудани онҳо ба хусусигардонӣ, ба фурӯхтани ташкилотҳои пешбар дар соҳаи лоиҳавиву тадқиқотӣ ва сохтмонӣ, хусусигардонии корхонаҳои мазкур «харитаҳои роҳ»-ро тасдиқ кунанд.

(Давомаш дар саҳ.2).



*Дар қад-қади шоҳроҳе, ки шаҳрҳои Фарғонаю Марғилонро ба ҳам мепайвандад, минтақаи саноатии хурд ташкил дода шудааст. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Олтин металл маҳсулотлари»-и он ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмоние ихтисоснок шудааст, ки ҷойи маҳсулоти воридотиро мегирад.*

*Корхонае, ки фаъолияташро соли 2019 шурӯъ намудааст, дар муддати кӯтоҳ истеҳсоли маҳсулотро ба роҳ монд. Ҳар моҳ дар чор маҷмаъ 350-360 тонна маҳсулоти металлӣ тайёр карда мешавад, ки иқтидори солонааш аз 4200 тонна зиёд мебошад.*

***Аксбардор: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

## ДАР БОРАИ МАҶЛИСИ НАВБАТИИ ШӮРОИ САРОНИ ҲУКУМАТҲОИ ИДМ

***Ҷамъомади навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳти раёсати Ҷумҳурии Ўзбекистон 6 ноябр дар шакли алоқаи видеоконфронс баргузор гардид.***

Ба ҷамъомад Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулло Арипов раисӣ кард.

Дар чорабинӣ инчунин сарвазирони ҷумҳуриҳои Беларус, Молдова, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон, иҷрокунандаи вазифаи Президент ва Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, муовини Раиси Девони Вазирон ва вазири корҳои хориҷии Туркманистон ширкат варзиданд.

Иштирокчиёни ҷаласа ба масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи ИДМ, инчунин ба талошҳои муштарак дар самти мубориза самаранок ба паҳншавии сирояти коронавирус таваҷҷӯҳ зоҳир карданд. Қайд карда шуд, ки дар ин бобат фаъолияти пурраи минтақаи савдои озоди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муҳим аст.

Барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии халқҳои давлатҳои аъзои Иттиҳод зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар заминаи ҳамсоягии нек, ба эътибор гирифтани эҳтироми тарафайн ва манфиатҳо қайд гардид.

Сарони ҳукуматҳо оид ба масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои Иттиҳод мубодилаи афкор карданд. Нақшаи чорабиниҳоро оид ба татбиқи марҳилаи якуми (солҳои 2021-2025) Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ то соли 2030 мавриди муҳокима қарор доданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ЎЗБЕКИСТОН ТАРТИБИ САВДОИ БИДУНИ БОҶРО БО ИМА НИГОҲ МЕДОРАД

***Дафтари намояндаи тиҷорати назди Дафтари иҷроияи Президенти ИМА (USTR) барои Ўзбекистон ҳуқуқи истифодаи савдои бебоҷро бо ИМА нигоҳ дошт.***

Тибқи иттилои сафорати Ўзбекистон, дар охири моҳи октябр Дафтари намояндаи тиҷоратии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Иёлоти Муттаҳида (USTR) дар бораи қатъ кардани тартиби таҷдиди назар намудани истифодаи Низоми умумии сабукиҳо (GSP) ба Ўзбекистон оид ба меъёри таъмини ҳуқуқи коргарон эълон кард. Бо ин қарор USTR ҳуқуқи Ўзбекистонро барои истифодаи тиҷорати бидуни боҷ бо Иёлоти Муттаҳида нигоҳ дошт ва бо ин парвандаи 12-солаи меҳнати маҷбуриро алайҳи ҷумҳурӣ баст.

Системаи умумии афзалиятҳо — режими бебоҷ ворид намудани молҳо ба ИМА тибқи қонуни савдои соли 1974 нисбати воридот аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Ўзбекистон моҳи августи соли 1994 мақоми баҳрабардори GSP (ҳуқуқи интиқоли бебоҷ ба Иёлоти Муттаҳида)-ро гирифта буд.

30 январи соли равон ҳайати Ўзбекистон таҳти роҳбарии Вазири шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ Нозим Ҳусанов дар муҳокимаи ҷамъиятие, ки дар Дафтари намояндаи тиҷорат оид ба дархост аз «Форуми байналмилалии ҳуқуқи коргарон» (ILRF) баргузор гардид, ширкат варзид. Ҳамин тариқ, чунин муҳокимаҳои солона соли 2008 бо дархости созмони номбурда оид ба ҳуқуқи башар, ки бекор кардани режими савдои бебоҷро нисбати Ўзбекистон бинобар меҳнати мунтазами маҷбурӣ талаб карда буданд, оғоз ёфтанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаи муҳокимаҳо, пас аз баррасии далелҳои пешниҳоднамудаи ҷонибҳо, USTR ба хулосае омад, ки барои таҷдиди назар кардани афзалиятҳои Ўзбекистон дар тиҷорати бидуни боҷ ҳеҷ асосе вуҷуд надорад.

Намояндаи савдои ИМА Роберт Лайтҳизер дар шарҳи хулосаи худ қайд кард, ки дар ин қарор қадамҳои муҳим ба назар гирифта шудаанд, ки Ўзбекистон барои беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқи коргарон андешидааст. Аз ҷумла, бо истинод ба натиҷаҳои мониторинги Созмони байналмилалии меҳнат, аз байн бурдани истифодаи мунтазами меҳнати бачаҳо ва коҳиши назарраси меҳнати маҷбурӣ пайи ҳам дар тӯли панҷ сол дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи ҳукумат ва тағйиротҳои қонунгузорӣ эътироф карда мешаванд. Дар байни дигар дастовардҳои назарраси Ўзбекистон, Намояндаи савдо барҳам додани ҳаҷми ҳатмии чиниши пахта ва хеле баланд шудани сатҳи музди меҳнати чинакчиёнро марбут донист, ки ин дар ниҳоят барои кори ихтиёрӣ шароит фароҳам овард.

Ёдовар мешавем, ки моҳи октябри соли 2019 Дафтари намояндаи тиҷорати ИМА бинобар натиҷаи чунин музокирот бо иштироки намояндагии дипломатии мо дар Вашингтон қарор кард, ки амалияро нисбати Ўзбекистон, ки соли 1999 оғоз ёфта буд, дар асоси меъёри таъмини ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ қатъ кунад.

Ҳамин тариқ, ҳамаи музокирот оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар Дафтари намояндаи савдо, ки даҳсолаҳо идома доштанд, комилан қатъ карда шуданд ва режими савдои бебоҷ байни Ўзбекистон ва ИМА нигоҳ дошта шуд.

**АИ «Дунё».**

*ВАШИНГТОН.*

## ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАКМИЛ ДОДАНИ ЗВЕНОИ ЁРИИ АВВАЛИЯИ НИГАҲДОРИИ ТАНДУРУСТӢ МУАЙЯН ШУДАНД

***Таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 6 ноябр оид ба чорабиниҳои такмили звенои кӯмаки аввалияи низоми нигаҳдории тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Дар оғози вохӯрӣ, мушкилоти дар фаъолияти бунгоҳҳои тиббии деҳот ва поликлиникаҳои оилавӣ ҷойдошта таҳлил карда шуданд. Дар соли 2019 60 фоизи фавтҳо аз сабаби бемориҳои дилу раг ба амал омаданд, ки онҳоро бо қувваи ёрии аввалияи тиббӣ пешгирӣ кардан мумкин буд. Дар нисфи мизоҷоне, ки аз бемории саратон азият мекашанд, беморӣ пас аз гузаштан ба марҳилаи дуюм ё сеюм муайян карда мешавад. Аз сабаби сифати пасти кори звенои кӯмаки аввалия аҳолӣ бевосита ба беморхонаҳои марказӣ муроҷиат мекунанд.

Ҳамаи ин аз набудани шароит, номутаносибии байни ҳаҷми кор ва имкониятҳои воқеии кормандони тиб мебошад. Инак, ба вазифаҳои табибони амалиёти умумии бунгоҳҳои тиббии деҳот ташхис ва табобати 146 намуди бемориҳо, ташхиси аввалия ва додани роҳхат бинобар 213 намуди бемориҳо, инчунин доираи васеи вазифаҳо оид ба барқарорсозӣ, диспансеризатсия ва пешгирии он дохил мегарданд.

Ба ин муносибат Президент зарурати аз нав дида баромадани низоми хидматрасонии тиббиро дар бунгоҳҳои тиббии деҳот ва поликлиникаҳои оилавӣ, вазифаҳо ва функсияҳои табибон ва кормандони звенои миёна таъкид кард.

Вазифаи аввалиндараҷа табдил додани табибони умумӣ ба табибони оилавӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ мебошад. Барои мусоидат намудан ба фаъолияти онҳо гурӯҳҳои тиббии терапия, педиатрия, акушерӣ ва патронажӣ ташкил карда мешаванд. Ин гурӯҳҳо бо оилаҳои ба онҳо вобасташуда мақсаднок дар асоси харитаи махсус тартибдодашуда кор хоҳанд кард. Ба ҳолати саломатии аҳолӣ баҳо дода шуда, пойгоҳи маълумотҳои электронӣ ташкил карда мешавад. Барои ин ба гурӯҳҳои тиббӣ планшетҳо ва воситаҳои ташхиси сайёр дода мешаванд.

Барои кӯдакони то 5-сола, занони ҳомила, занони синни репродуктивӣ ва аз 35-сола боло, инчунин шахсони аз 40-сола боло назорати доимии тиббӣ муқаррар карда мешавад, онҳо мунтазам аз муоинаи скрининг гузаронида мешаванд. Патронажи инфиродии одамоне, ки ба гурӯҳи хавфнок дохил мешаванд, ба роҳ монда мешавад.

Минбаъд роҳхатҳо барои кӯмаки ройгони тиббӣ ва дорухат ба дорувории ройгон аз ҷониби духтурони оилавӣ дода мешавад. Вобаста аз нишондиҳандаҳои саломатии сокинони маҳалла кори онҳо ҳавасманд карда мешавад.

Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки ин системаро тадриҷан дар шаҳру ноҳияҳо ҷорӣ кунанд, гурӯҳҳои тиббиро дар асоси таҷрибаи пешқадам аз нав таълим диҳанд, меъёрҳои арзёбӣ ва тартиби ҳавасмандгардонии фаъолияти табибони оилавиро таҳия кунанд.

Дар маҷлис масъалаи кадрҳо ҳамаҷониба баррасӣ шуд. Дар бунгоҳҳои тиббии деҳот ва поликлиникаҳои оилавӣ зиёда аз 20 ҳазор штати табибон вуҷуд дорад, аммо ҳамагӣ 12 ҳазор нафар мутахассис кор мекунанд. Чунки касби духтури амалиёти умумӣ барои хатмкардагони мактабҳои олии тиббӣ ҷолиб нест. Низоми ҳавасмандкунии кормандон вуҷуд надорад ва ба баланд бардоштани ихтисос ва болоравии мансабии онҳо диққати зарурӣ дода намешавад.

Ба ин муносибат Президент зарурати ҷалби хатмкунандагонро ба БТД ва поликлиникаҳои оилавӣ бо роҳи фароҳам овардани шароити муносиб барои онҳо таъкид кард.

Бо ин мақсад, барномаи «Духтури деҳот» барои низоми кӯмаки аввалияи тиббӣ дар ноҳияҳои дурдаст ҷорӣ карда мешавад. Тибқи ин барнома, ба кормандони тиббии звенои аввалия дар ноҳияҳои дурдаст ба миқдори 30 миллион сӯм кӯмаки якдафъаина, инчунин манзили хидматӣ ё ҷубронпулӣ барои манзилҳои иҷора дода мешавад.

Дастур дода шуд, ки квота дар донишгоҳҳои тиббӣ зиёд карда шуда, ниёз ба табибон дар қисмати маҳаллаҳо муайян карда, ҳангоми ҷудо намудани манзили ипотека ба мутахассисони зинаи кӯмаки аввалия афзалият дода шавад.

Дар асоси талаботи аҳолӣ, соли оянда ташкили 100 бунгоҳи тиббии деҳот ва 24 поликлиникаи оилавӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар мисоли таҷрибаи Сирдарё вазифаи ҳар як звенои низоми тандурустӣ дуруст муайян карда шуда, маҷмӯи хидмати тиббӣ ва доруворӣ алоҳида, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шудааст, таҳия мегардад. Барои таъминоти молиявии ин маҷмӯи корҳо механизмҳои бимаи тиббии давлатӣ татбиқ гардида, фонди алоҳида ба вуҷуд оварда мешавад.

Таъкид шуд, ки як духтур 60 фоизи рӯзи кориро барои хонапурӣ намудани 10-15 ҳисоботи коғазӣ сарф менамояд. Рақамӣ намудани ин ҷараён чун вазифа гузошта шуд.

Бинобар маълумоти ТҶТ хидматрасонии тиббӣ омилест, ки танҳо 10 фоизи саломатии инсонро таъмин менамояд. Ҳамзамон омилҳои генетикӣ 15 фоиз, муҳити зист 20 фоиз, тарзи ҳаёт, ки бештар аз ҳама муҳим аст, 55 фоизро ташкил медиҳад. Пандемияи коронавирус бори дигар собит намуд, ки оқибатҳои хеле мураккаб чӣ миқдор тарзи носолими ҳаётро дар пай дорад.

– Ҳамаи мо бояд дарк намоем, ки истеъмоли дуруст ва фаъолнокии ҷисмонӣ ин гарави огоҳии бисёр бемориҳо ва нигоҳ доштани ҳаёти инсон аст, – гуфт Президент.

Таъкид шуд, ки ходимони зинаҳои ибтидоӣ ба аҳолӣ бояд аҳамияти тановули дуруст ва тарбияи ҷисмониро фаҳмонанд.

Тавре ки таҳлил нишон медиҳад, норасоии кислотаи фолӣ ва оҳан дар 40 фоизи занон дар 55 фоизи кӯдакон дар синни то 5 сол камхуние, ки дар оқибати норасоии оҳан ба вуҷуд меояд, дучор мегардад. 70 фоизи бачаҳои синни томактабӣ ва мактабӣ аз бемориҳои паразити рӯда азият мекашанд.

Аз ин рӯ аз 1 июни соли оянда ба бачагони то 5-сола витамин ва моддаҳои фоидаовари микронутриент, бачаҳои то 10-сола доруворӣ зидди паразитӣ, ба занони ҳомила, модарони кӯдакони ширхор ва бачаҳои то 15-сола доруворӣ йод, занони то 35-сола кислотаи фолӣ ва феррум бепул пешниҳод карда мешавад. Ин доруворӣ ва витаминҳо аз ҷониби духтурони оилавӣ тақсим карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Таҳлил, танқид, таклиф

**Бо вуҷуди то андозае муътадил омадани охирин моҳи тирамоҳ гармидиҳӣ ба манзилҳои бисёрошёнаи шаҳри Тошканд оғоз ёфт. Назар ба ҳарсола пештар гарм шудани хонадонҳо аҳолиро мамнун месозад. Одатан таъминот бо гармӣ аз 10-15 ноябр ибтидо мегирифт. То он вақт ҳаво сард шуда сокинони манзилҳои бисёрошёна саршавии мавсими нави гармигузарониро интизор мешуданд. Аз нимаи дувуми моҳи октябр эътиборан шуълаи плитаҳои газ паст шуда ва мардум маҷбуран бо гиронда мондани он то дараҷае манзилгоҳи худро гарм менамуданд. Бинобар фурӯзон нигоҳ дошта шудани плитаҳо ва нарасидани нирӯи «оташи сабз» гоҳо пухтани таом, ҳатто ҷӯшондани об тӯл мекашид ё номумкин мегашт. Аммо имсол, тавре таъкид сохтем, вазъ куллан дигар. Ноябр бошад ҳам, нафаси сарди тирамоҳ, ки имсол бебориш ва муътадил омад, чандон ҳис намешавад. Рӯзона дар берун офтоб бедареғ шуъла пошида ва дар даруни хонаҳо – батареяҳо гарм.**

# ХОНАҲО ЧУН ГАРМ, АҲОЛӢ ДИЛГАРМ

Воқеан, имсол дар хидматҳои таъминоти гармии марказонидашуда тағйирот ба чашм мерасад. Тарифҳо ба ҳисобу китоби ҳар як квадрат метри хонадонҳо дигаргун гаштанд. Корхонаи давлатӣ-унитарии «Тошиссиққувватӣ» дар пойтахт барои 1 кв.м. майдон 142 сӯм пардохтани ҳақро муайян кардааст. Аммо дар анҷумани матбуотӣ, ки дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ рӯи кор омад, барои гармии 1 кв.м. майдон муайян гаштани 143,67 сӯм маълум гардида буд.

Маълум, ки қарори Президент аз 2 декабри соли 2019 «Дар бораи чораҳои такмили сохтори таъминоти гармӣ ва солимгардонии молиявии корхонаҳои таъминоти гармидиҳӣ» ба имзо расида ва он дар навбати аввал бо мақсади беҳтарсозии ҳолати бо гармӣ таъминсозии аҳолӣ, ки аз хидматҳои таъминоти гармии марказонидашуда истифода мебарад, нигаронида шуда буд.

Вазорати хидмати коммуналии хонаву ҷойи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, дар асоси қарори зикршуда эътиборан аз оғози мавсими нави гармидиҳии солҳои 2020-2021 ба ҳисобу китоби истеъмолчиён аз хидматҳои таъминоти гармидиҳии марказонидашуда системаи ба ҳар кв.м. майдон ҳақдиҳии аҳолиро дар давраи мавсим ҷорӣ намуд. Гуфта мешавад, сохтори нави ҳақдиҳӣ бардоштани тарифҳоро дар назар надорад, фақат дар тартиби ба амал баровардани пардохтҳо тағйирот ба амал баровардa шуду халос.

Муайяншавии 143,67 сӯм миқдори тарифҳо ба 1 кв. м. тарифи миёна бахри хидматҳои таъминоти гармидиҳӣ ба равиши шартнок дар ҷумҳурист, шарҳ медиҳад вазорати зикршуда, яъне дар ҳудудҳо мувофиқ ба энергияе, ки истеҳсол мешавад, тарифҳо ҳархела мебошанд.

Аён мегарданд, нархҳо боло нарафтаанд, яъне тариф бетағйир монда, танҳо пардохт ба ҳар як рӯзе, ки ба хонадонҳо гармӣ омадааст, ҳисобу китоб карда мешавад.

Суоле тавлид меёбад, ки оё мавсими гармидиҳӣ муддати муайян дорад ё не?

Мутахассисони соҳа ҷавоб медиҳанд, мавсим, бо чӣ тавр омадани обу ҳаво, тақрибан 145-150 рӯз давом карданаш мумкин. Истеъмолчиён аз ҷорӣ шудани тартиби нави пардохт зарари моддӣ намебинанд. Баръакс, дар ҳолати барвақт омадани аввалбаҳор ва нарм шудани иқлим, ки ҳоҷат ба гармшавии батареяҳо намемонад, фоида диданашон ҳам мумкин. Акнун давоми сол не, танҳо дар рӯзҳои муайян истеъмолгар барои истифода аз гармӣ ҳақ месупорад...

Вале дар ин бобат фикри аҳолӣ чӣ хел? Аксарияти одамоне, ки дар манзилҳои се ё чорҳуҷрадор буду бош доранд, аз тағйирот мамнун набудани худро изҳор карданд. Ба фикри онҳо, тартиби пештараи пардохт хубтар, давоми сол аз нафақа ё моҳона дода рафтани ҳақ барояшон қулай. Табиист, ки дар давоми мавсим пардохтан ба ҳар 1 кв. м., хусусан ба оилаҳои камдаромад гаронӣ мекунад. Қисми муайяни моҳона ё нафақаро ба гармӣ сарф кунанд, рӯзгор чӣ мешавад? Дар давраи душвори пандемия гузаштан ба тартиби нави пардохт шарт буд? Масъулони хидматҳои таъминоти гармии марказонидашуда мегӯянд, бинобар пандемия гармидиҳии соли равон тӯлонитар сурат гирифт, яъне он то охирҳои моҳи апрел давом кард, ки аз ин корхонаҳои мо хеле зарар диданд. Дар асл, ин ҳолат бо мақсади кӯмак ва офаридани қулайӣ ба аҳолӣ дар оғози карантин тахти ғамхории Президент ба амал омад. Аммо дар рӯзҳои гарми баҳор кор кардани системаи гармидиҳӣ дар хонадон гуворой надошт. Гармӣ он рӯзҳое зарур, ки ба он эҳтиёҷ бошад. Вале айёми зимистон, хусусан, рӯзҳои қаҳратони чилла, ки ба гармӣ эҳтиёҷ зиёд, батарея дар ҳамаи хонадонҳо гарм буд? Афсӯс, аз рӯи меъёр даврзании оби ҷӯшро дар қубурҳо фарсудагии система, хидмати худро кайҳо ба иҷро расонда, корношоям шуда мондани асбобу ускуна ва ҷиҳозот дар «дом»-ҳо монеъ мешавад дар қисме аз манзилҳои бисёрошёна.

Масалан, ду-се соли охир қисме аз хонадонҳои манзили рақами 43-юм аз мавзеи 13-уми ноҳияи Юнусобод дар се моҳи зимистон умуман сард буданд. Аҳолӣ маҷбур буд барои андак муътадил сохтани хона плитаҳои газро фурӯзон гузорад. Телевизион огоҳ мекард, ин кор куллан норавост, заҳролудшавиҳо аз дуди газ ба ҳаёти одамон зомин мешавад ва ғайраҳо... Ба муроҷиатҳо дар мавсиме, ки гузашт, масъулони ширкати хонаву ҷой мегуфтанд, аҳволи қисме аз хонадонҳо ба мо низ маълум, таъмир рафта истодааст, ба наздикӣ ҳамааш хуб мешавад. Ҳақиқатан аз охирҳои моҳи феврали соли равон «ҳамааш хуб шуд», вале дар ин давр нафаси нарми аввалбаҳор аллакай ҳис мегашт.

Хӯш, модоме хонаҳо сард, аҳолие, ки аз гармӣ истифода карда натавонист, ҳақи онро пардохт ё не?

Ба дар вақташ напардохтан илоҷ ҳаст? Огоҳномаҳо меоянд ба хона, ки қарз фалон қадар, насупоред, ба суд месупорем...

Дар даврае, ки сипарӣ гашт, ба «санбӯсаи нахӯрда» ҳақсупории қисме аз аҳолӣ ба вуқӯъ омад. Қисме аз ноилоҷӣ қарздор шуда монд. Вале хубии кор он ки филиалҳои «Тошиссиққувватӣ» чун пештара аз хонадонҳои қарздор чизҳои ба дасташон афтодаро бардошта намебаранд (се-чор сол пештар идораи корхонаҳои зикршуда бо ашёи аз қарздорон мусодирашуда пур мегашт).

Модоме истеъмол ва истифода кардем, бояд ҳақро дар вақташ супорем, қарздорӣ хуб нест. Вале баъзе истеъмолгарон, тавре зикр намудем, аз ноилоҷӣ ва дасткӯтоҳӣ қарздор мешаванд. Се ё чаҳор ҳуҷрадорҳо мехоҳанд аз як ё дутои он дар мавсим истифода кунанд, аммо ҳамаи ҳуҷраҳо гарм мешаванд, ба хомӯш карда мондани қисме аз онҳо илоҷ нест. Ва орзу мекунанд механизмеро, ки имкон медиҳад аз гармӣ чун аз барқ танҳо дар вақти даркорӣ истифода намой.

Дигар, гоҳо хона базӯр гарм мешаваду халос, маҷбурӣ либосҳои ғафсро накашӣ, ба кӯдак ё бемордорҳо боз душвор. Ҳарорат бояд чанд дараҷа бошад? Чаро аз хусуси меъёри гармие, ки муайян шудааст, аксарият хабардор нест?

Ба суоли аҳолӣ «ҳақро медиҳем, аммо мувофиқи меъёр гармӣ дода мешавад ё не?» масъулони корхонаҳои таъминоти гармӣ ҷавоб медиҳанд, вазифаи мо фиристодани гармӣ, ба масъалаи аз рӯи меъёр гармшавии хонадонҳо бошад, ширкатҳои хонаву ҷой ҷавобгар».

Ширкатҳо ваъда медиҳанд, корҳои таъмирӣ, ки имсол хубтар ба роҳ гузошта шуданд, хонаҳо мувофиқи меъёр гарм хоҳанд шуд, баъд аз ин ба саҳлангорӣ ва бемасъулиятиҳо роҳ гузошта намешавад.

Таъминоти оби гарм чӣ тарз? Пештар дар давоми сол барои таъмири пурраи система як ҳафта ҷудо карда мешуд. Дигар вақт бетанаффус оби гарм меомад. Ҳоло, мутаассифона, зуд-зуд қатъёбии он мушоҳида шуда ва аҳолӣ пешакӣ огоҳонида намешавад. Аҷиб боз он ки аз ҷумраки оби гарм оби сард меояд баъзан ё баръакс. Масъалаи ба эътирози барҳақи аҳолӣ сабабшавандаи дигар – баробари кушодан наомадани оби гарм.Хусусан пагоҳии барвақт ба ҷои оби гарм хеле вақт оби сард меояд. Маҷбурӣ ба исроф роҳ гузошта, омадани оби гармро интизор шавӣ.

Хуб мешуд намояндагони Вазорати хидмати коммуналии хонаву ҷой, масъулони корхонаи давлатӣ-унитарии «Тошиссиққувватӣ» ва филиалҳояш дар ҷойҳо, ходимони ширкатҳои хонаву ҷой ба афтодани шикоятҳо интизор нашуда, барои хабар гирифтани аҳолӣ вақт пайдо мекарданд, то имкон будан мувофиқи матлаб будан ё набудани таъминоти гармиро санҷида, дар рафъи саривақтии норасоиҳо саҳм мегузоштанд, модоме аҳолӣ дар вақташ ҳақро пардохт, ба расондани хидмати хушсифат масъул ва қарздории худро ҳис менамуданд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Таълим

# ФИКРУ АНДЕШАИ АҲЛИ ҶОМЕА МУҲИМ АСТ

**Дар Ӯзбекистон, тавассути дигаргуниҳои демократӣ, аз ҷумла ислоҳоти соҳаи таълим, пай афкандани пойдевори давраи эҳёи нав — Эҳёи сеюм ба мақсади асосӣ табдил ёфтааст. Барои ба ин ҳадаф расидан бояд ҳам давлат ва ҳам ҷамъият дастгиру мададгори омӯзгорон бошад.**

Мо, қабл аз ҳама, бояд мазмуну моҳияти Эҳёро амиқ дарк намоем. Хоссатан, омӯзгор — педагогҳои мо бояд ҳис кунанд, ки барои ворид намудани насли наврас бо давраи тараққиёти нав, дар назди онҳо кадом вазифаҳо истодаанд.

Лоиҳаи фармони Президент доир ба рушди соҳаи таълиму тарбия ва илму фан омода аст, ҳоло онро аҳли ҷомеа мавриди муҳокима қарор додаанд.

Муболиға намешавад агар бигӯем, ки Президент, бори дигар бобати рӯшоду ошкоро, бино ба салоҳдиди халқ, қабул кардани қарор ба ҳамаи мо намунаи ибрат мегардад. Дар ин қарор ба назари эътибор гирифтани фикру андешаҳои устодони фидоӣ, падару модарон ва депутатҳо ба афзун гардидани аҳамияти иҷтимоии ҳуҷҷат мусоидат менамояд.

Ҳоло дар иҷлосияи шӯроҳои маҳаллии маҳалҳо низ доир ба ин масъала чараёни қабули пешниҳодҳо оғоз ёфтааст. Инро бояд, дар роҳи ба рӯйи об баровардани орзуҳои чандсараи омӯзгорон, ба сифати як имконият қабул кард.

Дар лоиҳаи фармон як қатор масъалаҳои муҳим дар назар дошта шудаанд. Аз ҷумла, пешбинӣ шудааст, ки мактабҳои коэффитсенти навбатдориашон пасти шаҳрҳои Тошканду Нукус ва маркази вилоятҳо, ба тариқи таҷрибаю озмоиш, ба муддати 5 сол ба вакилони сектори хусусӣ дода мешавад, ба педагогҳое, ки шогирдонашон дар олимпиадаҳои фаннӣ ғолибиятро (медали тилло, нуқра, биринҷӣ гирифтаанд) ба даст даровардаанд, бевосита тоифаи малакаи олӣ дода хоҳад шуд, пардохти ҳаққи меҳнат барои роҳбарии синф (гурӯҳ) ба омӯзгорони муассисаҳои таълими ҳамагонӣ шурӯъ аз 1 ноябри соли 2020 1,5 баробар зиёд карда мешавад, аз 1 апрели соли 2021 миқдори музди меҳнати методистони шуъбаҳои таълими халқи ҳудудӣ бо миқдори ставкаи тарифи пойгоҳии омӯзгорони тоифаи олӣ баробар карда хоҳад шуд.

Ҳамчунин, пешбинӣ шудааст, ки нишондиҳандаи миёнаи баҳоҳои 6 моҳи охири таълими маҷбурии 11-сола ба шаҳодатнома (замимаи диплом)-и хатмкунандагони коллеҷу литсейҳо дароварда мешаванд ва ин нишондиҳанда дар имтиҳонҳои дохилшавии МТО (муассисаҳои таълими олӣ) ба назар гирифта хоҳад шуд, шурӯъ аз 1 январи соли 2021 директорони мактаб бино ба салоҳдиди Шӯрои депутатҳои халқи ноҳия (шаҳр)-и дахлдор ба вазифа таъин карда мешаванд, нисбати онҳо ҷазои интизомӣ дода мешавад ва бо назардошти ташаббуси корфармо аз вазифа озод карда хоҳанд шуд.

Дар лоиҳаи фармон навгонӣ ва тағйироте, ки ба баланд бардоштани эҳтироми омӯзгорон ва фидоиёни илму фан дар ҷамъият иртибот доранд, пешбинӣ шудааст.

Бино ба таҷрибае, ки дар соҳаҳои гуногуни таълим андӯхтаам, чанд таклифамро ба лоиҳаи фармон пешниҳод намудам. Фикр мекунам, бо назардошти имкониятҳо пешниҳодҳоям пазируфта мешаванд.

Устодони муҳтарам, падару модарони азиз, мо фарзандони устодони соҳибтаҷриба ҳастем. Хоҳиш мекунам: таклифу мулоҳизаҳоятонро ба лоиҳаи ҳуҷҷате, ки дар муайян намудани ояндаи ҷамъият нақши муҳим дорад, пешниҳод намоед.

**Шоиста ТУРҒУНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# АВВАЛИН ДОНИШГОҲИ ӮЗБЕКИСТОНУ МАЛАЙЗИЯ ДАР ХОРАЗМ

***Донишгоҳи байналмилалии «Binary» дар шаҳри Урганҷ аз оғози даъвати довталабон барои қабул ба бакалавр ва магистр хабар дод.***

Тибқи иттилои сафорати Ӯзбекистон дар Малайзия, ҳуҷҷатҳо то 12 ноябр қабул карда мешаванд.

Дар натиҷаи созишномаҳо байни сафорати кишварамон, Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, ҳокимияти вилояти Хоразм ва Донишгоҳи менеҷмент ва соҳибкории «Binary»-и Малайзия ва мувофиқи қарори Ҳукумати Ӯзбекистон дар шаҳри Урганҷ Донишгоҳи байналмилалии «Binary» таъсис дода шуд.

Ин муассисаи олии таълимӣ нахустин донишгоҳи хориҷӣ дар вилояти Хоразм аст. Барномаҳои таълимӣ ва дипломҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори Ӯзбекистон ва Малайзия эътироф шуданд.

Бояд қайд кард, ки Донишгоҳи хусусии «Binary», ки соли 1984 таъсис ёфтааст, яке аз донишгоҳҳои махсуси Малайзия барои тайёр кардани кадрҳо дар соҳаҳои менеҷмент, технологияҳои иттилоотӣ ва таълими соҳибкорӣ бо таваҷҷӯҳи махсус ба таҷрибаи касбӣ мебошад.

Таъсиси Донишгоҳи байналмилалии «Binary» дар Урганҷ ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои серталаби иқтисодиёт бо роҳи ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами Малайзия ва иштироки фаъолонаи ҳайати профессорию омӯзгории ин донишгоҳи хориҷӣ дар раванди таълим мусоидат хоҳад кард.

Ба гуфтаи асосгузор ва ректори Донишгоҳи «Binary» Ҷозеф Адайкалам, Ӯзбекистон ба «маркази таълим» табдил меёбад ва тавсеаи фаъолияти Донишгоҳи Малайзия дар қаламрави ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки роҳбарияти «Binary» мебошад, ки ба донишгоҳ имкон медиҳад, ки ба Осиёи Марказӣ имкониятҳои васеъ ва «дарҳо»-ро боз кунад.

Дар робита ба ин, Донишгоҳи байналмилалии «Binary»-и Урганҷ аз оғози ҷалби довталабон барои дохил шудан ба бакалавриат (4 сол) бинобар самтҳои «менеҷменти тиҷорат», «маркетинг», «технологияҳои иттилоотӣ», « ҳисоби муҳосибӣ» ва «соҳибкорӣ», инчунин магистратура (2 сол) аз рӯи ихтисосҳои «технологияҳои иттилоотӣ» ва «идоракунии менеҷмент» хабар дод..

Имтиҳони вуруди бакалаврҳо ва магистрҳо 17 ноябри соли 2020 баргузор мешавад. Оғози соли таҳсил 30 ноябри соли 2020 ба тариқи онлайн ба нақша гирифта шудааст.

**АИ «Дунё»,**
*КУАЛА ЛУМПУР.*

# ҚАРОРДОД БО ДОНИШГОҲИ АЛЛОМА ТАБОТАБОӢ

***Солҳои охир аз тарафи ҳукуматамон бо давлатҳои дуру наздик робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву маънавӣ васеъ ба роҳ монда мешавад, ки дар ин асос рушди ҳамаҷонибаи мамлакат назаррас мегардад.***

Чи хеле ки хабар дода будем, моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбек ба номи Алишери Навоӣ бо ҳамкории сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон Маркази забон ва маданияти форсӣ ташкил шуда буд.

Дар байни Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд ва Донишгоҳи Аллома Таботабоии Ҷумҳурии Исломии Эрон низ ба қарибӣ шартномаи ҳамкорӣ имзо гардид. Ҳуҷҷати мазкур, ки ба тарзи онлайн имзо шуд, чун хишти аввал ба муносибатҳои байниҳамдигарии муассисаҳои таълими олии Эрон ва ДДШТ қарор гирифт.

Дар мамлакатамон омӯзонидан ва таҳқиқи манбаъҳои таърихӣ ва адабие, ки ба забонҳои форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ ва пашту офарида шудааст, таърихи дуру дароз дорад. Ба корҳои эроншиносии Донишгоҳи шарқшиносӣ соли 1918 асос гузошта шудааст, кафедраи филологияи эрон бошад, фаъолияти илмиву амалиашро соли 1944 оғоз намудааст.

Ҳоло дар донишгоҳи мазкур мутахассисон оиди эроншиносӣ дар се самт – бакалаврӣ, магистратура ва докторантура таълим мегиранд.

Дар соли хониши ҷорӣ наздик ба 500 нафар донишҷӯён забони форсиро ҳамчун забони асосӣ меомӯзанд. Мутахассисон аз рӯйи тахассуси филология, матншиносӣ, манбаъшиноси адабӣ, таърих, фалсафа, иқтисодиёт ва сиёсат тайёр карда мешаванд.

Дар чорабиние, ки бахшида ба ин муносибат баргузор шуд, ректори ДДШТ Гулчеҳра Рихсиева таъкид намуд, ки ба туфайли сиёсати оқилонаи «дарҳои кушод»-и Президент Ш. Мирзиёев имкониятҳои нави ҳамкорӣ бо Эрон ба вуҷуд омад. Ӯ изҳори боварӣ кард, ки шартномаи ҳамкории баимзорасида ба баланд бардоштани сифати таълими олӣ оиди соҳа ва ҷустуҷӯҳои илмӣ хидмат мекунад.

Дар навбати худ ректори Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ Ҳусайн Салимӣ оид ба муассисаи мазкур маълумоти пурра дод.

– Донишгоҳамон дар Эрон муассисаи ягона дар соҳаи иҷтимоиву гуманитарӣ буда, дар он барои омӯхтани забони форсӣ ба хориҷиён ҳамаи шароит офарида шудааст,– гуфт Салимӣ. – Ният дорем робитаҳоро бо Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд доир ба соҳаи иҷтимоиву гуманитарӣ ва боз ҳам аз худ кардани забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба роҳ монем.

Котиби сеюми сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тошканд Муртазо Боқирӣ ба ҷамоаи донишгоҳ барои ҳиссаашон дар оммавӣ гардондани маданият, забон ва адабиёти форсӣ дар Ӯзбекистон миннатдорӣ изҳор кард. Ӯ аз ҷумла, изҳори боварӣ намуда гуфт, ки аз сабабе, ки муассисаи мазкур дар мамлакатамон маркази эроншиносӣ ба шумор меравад, дар байни сафоратхона, муассисаҳои таълими олии Эрон ва ДДШТ робитаҳои бисёрҷанба мустаҳкам мешаванд.

Ҳоло дар кафедраи «Филологияи Эрон ва афғон» 5 нафар доктори илм ва 5 нафар номзад фаъолияти илмиву педагогӣ мебаранд. Дар ин ҷо омӯзгорон Симо Ҳусайн Аббосӣ, Муҳаммадризо Аслонӣ ва Каҷол Алмосӣ, ки аз Эрон таклиф шудаанд, кор мекунанд. Ба чараёни хониш ҷалб гардидани 3 нафар мутахассис аз Эрон дар таърихи кафедра ҳолати аввал буда, мутахассисон ба он баҳои баланд доданд.

Соли 2018 ДДШТ бо Бунёди «Саъдӣ»-и Эрон шартнома доир ба ҳамкориро имзо карда буд. Мувофиқи он ҳамкориҳо бо якчанд донишгоҳи Эрон ба роҳ монда шуд. Дар давоми ду соли охир 7 нафар профессорон-омӯзгорони донишгоҳ дар конфронсҳои байналхалқие, ки дар Эрон баргузор шуд, иштирок карданд. Дар шароити пандемия низ 32 нафар профессорон-омӯзгорон дар гурӯҳҳои такмили ихтисоси масофавии Донишгоҳи Таботабоӣ, ки таҳти мавзӯи «Таърихи забони форсӣ ва адабиёт», «Дар асоси талаби CEFR омӯзондани забони форсӣ ба хориҷиён» гузаронида шуд, иштирок карда, соҳиби сертификатҳои дахлдор гаштанд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**




*Зулола Раҳимова дар мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 23-юми шаҳри Бухоро ба насли ҷавон аз забони англисӣ дарс медиҳад.*
*Муаллима дар ҷамоаи мактаби мазкур 8 сол аст, ки меҳнат мекунад.*
*Омӯзгор дар ҷараёни таълим аз технологияи педагогии пешқадам ва усулҳои осони забономӯзӣ пурсамар истифода мебарад. Ба ҳар дарсаш бо омодагии ҳамаҷониба ва ғояҳои нав қаробат меҷӯяд.*
*Ин аст, ки теъдоди ғолибони олимпиада дар байни шогирдони ӯ зиёд аст.*
***Дар акс:** омӯзгори забони англисӣ **Зулола Раҳимова**.*
***Аксбардор: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

ТАРАДДУДИ ЗИМИСТОН

# ИСТЕҲСОЛИ ГАЗИ ТАБИӢ АФЗУД

***Кишвари мо аз сарватҳои зеризаминӣ бой аст, ки яке аз инҳо гази табиӣ буда, барои ривоҷи соҳаи саноат, ҳаракати нақлиёт, истеҳсоли нерӯи барқ ва ғайра хеле муфид мебошад. Солҳои охир маҳз аз афзудани коркарди гази табиӣ минтақаҳои дурдасти аҳолинишин бо сӯзишвории арзону қулай, бедуду хокистар таъмин мегарданд. Боиси хурсандист, ки танҳо дар вилояти Самарқанд 289 415 хонадон аз гази табиӣ ва 479 339 оила аз гази фишурдаи баллонӣ истифода мебаранд.***

**Мо дар бораи сатҳи таъмини аҳолӣ бо гази табиӣ, вазифаҳо дар ин самт, корҳои омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон бо сардори шӯъбаи «Ҳудудгаз Самарқанд»-и вилоят Олимҷон ИСОҚУЛОВ суҳбат кардем.**

– Бо фарорасии фасли зимистон талаб ба ин намуди сӯзишворӣ зиёд мешавад, – мегӯяд Олим Абдуллоевич. – Ба ин хотир барои тайёрӣ ва гузаронидани мавсими тирамоҳу зимистон барномаи чораву тадбирҳои махсус таҳия намуда, аллакай корҳои зиёдро амалӣ намудем. Беш аз 840 километр қубури газ тоза шуда, 8630 нуқтаи газтақсимкунӣ мукаммал таъмир ва аз санҷиш гузаронида шуд.

Барои ба мардум саривақтӣ расондани баллонҳои газ 85 мошини «ISUZU» ва ду адад «CHAKMAN» кор мекунанд. Агар дар шаш моҳи соли равон ба истеъмолчиён 30 419 тонна гази фишурда расонида шуда бошад, танҳо дар тӯли ду моҳи охир ин ба 24 ҳазор тонна расид.

**– Дар рафти қабулҳои сайёр ё вохӯриҳо бисёр мешунавем, ки баъзе шаҳрвандон аз ғайриқаноатбахш ва тӯл кашидани таъминот бо гази фишурда шикоят мекунанд...**

– Мушоҳидаи шумо дуруст аст. Мо барои ҳалли муроҷиати аҳолӣ дар ноҳияи дурдасти Кӯшработ, корхонаи пур кардани баллони газ сохтем. Чунин иншоот дар ноҳияҳои Ургут, Пайариқ, Булунғур, Оқдарё низ ба истифодабарӣ супурда шуданд.

**– Қариб 20 сол аст, ки деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ ва нисфи зиёди ноҳияи Самарқанд аз гази табиӣ маҳрум ҳастанд. Лекин қубурҳои газ «зеб»-и кӯчаҳо ва гузарҳо мебошанд. Саволе пайдо мешавад: дар оянда ин гузарҳо боз бо гази табиӣ таъмин мегарданд ё не?**

– Танҳо дар ду соли охир дар ин соҳа ислоҳоти зиёд амалӣ гардид, ки аллакай самараи худро медиҳад. Ҳоло истеҳсоли гази табиӣ дар кишвар ба 10 фоиз афзуд. Сарвари давлатамон барои истеҳсоли маҳсулоти нафту газ ва пурсамар истифода бурдан аз ин, қарору фармонҳои махсус имзо кард. Зина ба зина таъминот бо гази табиӣ беҳтару хубтар хоҳад гашт.

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

**Ҳар сол бо фаро расидани тирамоҳ ҳамдиёронамон ба қитъаҳои наздиҳавлӣ бештар пиёз, сирпиёз ва дигар навъҳои маҳсулоти зироатӣ кошта, барои рӯёнидани ҳосили фаровон шурӯъ мекунанд. Навъе мутахассисон таъкид мекунанд, рӯзҳои тирамоҳ зироат бо усули «тӯқсонбостӣ» кошта мешаванд, ки ба ҳарорати пасти табиӣ рост омада, рӯзҳои баҳор нашъунамои майсаҳо ривоҷ меёбад.**

# Кишти «тӯқсонбостӣ» пешпаз ва серҳосил аст

– Инчунин кабудӣ низ фасли тирамоҳ кошта шуда, ҳосили дилхоҳ медиҳад, – мегӯяд роҳбари агрофирмаи «Тӯрақӯрғон»-и ноҳияи Тӯрақӯрғон Ёқубҷон Боймирзоев.

Чунин ҷиҳатҳоро ба ҳисоб гирифта, ҳамаи агрофирмаҳо дар ҳудуди ноҳияамон барои ҳосили «тӯқсонбостӣ» замина ҳозир менамоянд. Дар 220 гектар боғ ва токзорҳои ноҳия пиёз ва сирпиёз кошта шудааст. Нашъунамои зироат хуб буда, майдонҳо аз алафҳои бегона тоза карда шуд.

– Марҳилаи аввали поруандозиро ба анҷом расонидем. Боз як маротиба нурии аммофос пошида мешавад, – гуфт узви хоҷагии фермерии «Бахтли Шарқ юлдузи» Ҳасанбой Иброҳимов. – Рӯзҳои баҳор парваришашро нағз ба роҳ монем, албатта, ҳосили фаровони аз чашмдошт зиёд рӯёнида мешавад.

Дар «Забардаст Зиёдбек», «Боймирзоев Бекмирзо» ва «Абдулҳафиз Азиз Ҷӯрабек» барин хоҷагиҳои фермерӣ ба талаботи қоидаҳои агротехникӣ риоя карда мешавад.

Ҳамчунин дар 48 ҳазору 627 хонадон ба 2 ҳазору 587 гектар майдон барои ҳосили соли оянда замина ҳозир карда мешавад.

**Мирмуҳсин МИРЗОКАРИМОВ,**
**ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон.**

Муҳаммад ШОДӢ

## САТРҲОИ ТИРАМОҲӢ

Табиат, дидаам бар дафтари ту,
Ғазалҳо сабт дар ҳар дафтари ту.
Ту он шоир, ки дил дорад тасаввур,
Ба мисли Рӯдакӣ сардафтарӣ ту!

***

Фурӯ биншаст шавқи обшорон,
Чу пири хастаанд ин кӯҳсорон.
Ту гӯӣ, Рӯдакӣ хонад «Шикоят
зи пирӣ» бо забони боду борон.

***

Чанороне, ки дар дил дард доранд,
Ба пирӣ гӯиё сар мефуроранд.
Кашанд оҳ аз дили пурсӯз, аммо
Намехоҳанд овозе бароранд.

***

Ту будӣ равшан аз чашмони оҳу,
Ту будӣ соф чун чашмони моҳӣ.
Дили ман, гум баҳори тозаат шуд
Таҳи чангу ғубори тирамоҳӣ.

***

Шамол ояд, шамоли баргрезон,
Хазонҳо рӯи роҳ афтону хезон.
Дилу ҷони дарахтон тирамаҳҳо
Чу барги вопасин дар шох ларзон.

***

Худо донад, чӣ тақдирест дар пеш,
Чӣ тақдиру чӣ тадбирест дар пеш.
Аён он ки чу сар ояд ҷавонӣ
Хуҷуми лашкари пирист дар пеш.

***

Сируру завқ ҳасту зиндагонист,
Ҷаҳонҳо пеши рӯву дил ҷаҳонист.
Суруру завқ ҳасту даври пирӣ
Пур аз эҳсос чун даври ҷавонист.

***

Ҷавонӣ буд ҳусни рӯзгоре,
Ҷавонӣ буд фасли дӯстдорӣ.
Валекин зуд бигзашт аз раҳи умр
Чу аспи бодпои навбаҳоре.

***

Дили мо низ нури зиндагӣ дошт,
Шуҷоат дошт, зӯри зиндагӣ дошт.
Чу рӯди навбаҳор, эй тирамоҳон,
Дили мо шавқу шӯри зиндагӣ дошт.

***

Равон ҳар лаҳза пои умри мо аст,
Амонат ин сарои умри мо аст.
Надорад истгоҳу бетанаффус
Давон поездҳои умри мо аст.

***

Ҳама хоҳанд бахту омади худ,
Ҳама тарсанд аз рӯзи бади худ.
Ба фардо бингарӣ бо чашми уммед,
Надонӣ гарчӣ ту пешомади худ.

***

Дарахтон – одам, одамҳо дарахтанд,
Ту гӯӣ, гулфишон дар боғи бахтанд.
Вале чун мерасад фасли хазонрез,
Хаёлианд онҳо, дилкарахтанд.

***

Дареғу дард, дар фасли ҷавонӣ,
Ту қадри навҷавониҳо надонӣ.
Расад чун тирамоҳи умр, дар хоб
Бубинӣ навбаҳори зиндагонӣ.

## ҶАҲОНИ ШОИРӢ ДИГАР ҶАҲОН АСТ

Дили шоир макони ғуссаву ғам,
Вуҷуди ӯ саропо дарду армон.
Ба зоҳир гарчӣ ором аст рӯҳаш,
Қиёматҳо бувад дар синаи он.

Надорад тоби дардаш қолаби шеър,
Зи вазни шеър вазнин дарди шоир.
Ҷаҳон тангӣ кунад бар тангбинон,
Кушояд гар дилашро марди шоир.

Ҳар он чизе, ки шоир созад иншо,
Бувад як мушт аз хирвори табъаш.
Бигӯяд аз ҳазорон як ғамашро,
Зи исёну зи гирудори табъаш.

Гаҳе шоир ситезад бо замона,
Бигирад гаҳ зи ханҷаргоҳи даврон.
Ҳақиқат то бимонад ҷовидона,
Гиребонгир шуд аз шоҳу султон.

Ҷаҳонбонон намедонанд, охир
Ҷаҳони шоирӣ дигар ҷаҳон аст.
Биғунҷад ӯ агар андар тани шеър,
Ҳаёти ӯ чу олам ҷовидон аст.

Агарчӣ андар ин дунёи равшан,
Басо дидам, ки шоир ҷо надорад.
Аҷаб не байтҳояш хонаи ӯст,
Ки аз мурдан ба дил парво надорад.

## ҒАЗАЛ

Ҳадафи тир чу гаштем, батадбир шудем,
З-оташи кӯра бурун омада, шамшер шудем.

Бол н-оварда ба сайри Маҳу Парвин рафтем,
Чун пару боли ҳавас рехт замингир шудем.

Гесуи силсиламӯён чу ба гардан бастем,
Дастпобаста ба ин ҳалқаи занҷир шудем.

Ҷон ба каф аз пайи дидор давидем басе,
Нози ҷонона кашидему зи ҷон сер шудем.

Дили худ об намудем пайи дилёбӣ,
Кунун аз сангималоматхӯрӣ дилгир шудем.

Бо ҳама тезию тундию сабуксайрӣ кунун,
Рам нахӯрдем дигар, оҳуи тасвир шудем.

Пайи сарсабзии ин даҳр ҷавонӣ додем,
Ноҷавонмардӣ басе дида, ҷавонпир шудем.

**Абдуллоҳи РАҲМОН.**

Арзи сипос

# ДИЛ – ЧАШМАИ МЕҲР

Дар мактаби рақами 16-уми шаҳри Гулистон ба таълиму тарбияи насли наврас машғул ҳастам. Ба туфайли пандемия имрӯз дар мактабҳо дарс ба тарзи анъанавӣ ва ҳам фосилавӣ мегузарад. Хонандагон бо ҷиҳозҳои зарурии ҳифзи ин беморӣ таъминанд ва мо – омӯзгорон доимо ба гигиена риоя намудани онҳоро таъкид менамоем ва зери назорат гирифтаем. Аммо, на ҳама ҳам ба ин қоидаҳо риоя мекунад.

Ба қарибӣ бемор шудам ва ба беморхонаи бисёрсоҳавии шаҳр афтидам. Дар палатае, ки маро ҷойгир карданд, боз ду нафари дигар хоб мекард.

Зане, ки аз ҳама калонсолтар менамуду ӯро холаи Фазилат меномиданд, хеле сергап будааст. Рӯзҳои аввал андармони тани бемора шуда, ба онҳо он қадар эътибор надодам ва садои холаи Фазилат, ки беист гап мезад, нофорам ба гӯш мерасид. Дертар, баъди гирифтани андак табобат, ба суҳбати ҳамхонаҳоям ҳамроҳ мешудагӣ шудам. Холаи Фазилат мегуфт:

– Ба подшоҳамон раҳмат. Барои пешгирии ин вабои домангустурда ҳаракат карда истодааст. Ӯ меҳрубон, ғамхор. Мана, бо чашми худ дида истодаем, ҷойи хоб, се маҳал хӯроки гарм, хидмат, доруву дармон бепул. Илоҳо, ҳамеша танашон сиҳҳат бошад.

Занони дигар ба дуоҳои ӯ ҳамроҳ шуда, «илоҳо, илоҳо» мегуфтанд.

Ҳампалатаи дигари ман холаи Маърифат буд. Ӯ ниҳоят камгап, ба нуқтае дуру дароз нигоҳ карда сукут меварзид. Ба аёдати ӯ танҳо хоҳараш меомад, шояд аз ҳамин сабаб хеле ғамгин менамуд.

Рӯзе саҳарӣ ҳамшираи шафқат ба хонаи мо даромада гуфт:

– Холаи Маърифат, шуморо касе мепурсад, аз тирезаи ошхона ба берун нигоҳ кунед.

Чашмони хола дурахшид, чолокона аз хона баромад. Баъди фурсате дар даст дастовез ба хона даромад. Ба назар мерасид, ки ӯ бемор нест, чеҳрааш шукуфон, табъаш болида, дар лабонаш табассум..

– Ҳа, хеле хурсанд менамоед, кӣ омад? – бесаброна пурсид холаи Фазилат.

– Ҳозир, ҳозир, аввал ин раҳоварди писарамро ба ҳам бинем, баъд ҳамаашро нақл мекунам, – гуфту аз меваву нону кабоби писараш ба ҳамроҳонаш кам-кам дод.

– Писарам аз вилояти Суғди Тоҷикистон омад. Бемор шудани маро хеле дер фаҳмидааст. Келинам нобоб баромад. Мани солхӯрдаро дар хона нағунҷонд, бо ҳар баҳонае диламро меранҷонд. Аз ин муносибати ману арӯс писарам азият мекашид, зану шӯ зуд-зуд ҷанҷол мекарданд, ногап мешуданд. Худамро дар ин оила зиёдатӣ дониста, аз инҳо «камтар дур шавам» гуфта ба хонаи хеши дурам, ки дар ноҳияи Хавоси вилояти Сирдарё зиндагӣ мекунад, омадам ва дертар, чи хеле ки мебинед, ба беморӣ гирифтор шудам, – гуфт холаи Маърифат.

– Аз ҳама муҳимаш, писаратон ба аёдати шумо омадааст. Инҳо ҳоло ҷавон, таҷрибаи зиндагӣ надоранд. Шумо ғам нахӯред, ҳамааш хуб мешавад, – ба гап ҳамроҳ шуд холаи Фазилат. – Дар давраи оила, фарзанд, хоҳару бародар нишастан фараҳбахш аст. Дар кунҷи хона падару модар, дар атроф бародар, хоҳар, додар ва фарзандон... Ба якдигар бо меҳру навозиш нигоҳ мекунанд. Аз саломатӣ, кору бор ва мушкилоти якдигар пурсон мешаванд, ки ҳамин ҳам ба кас қувват мебахшад. Ба чунин лаҳзаҳои гуворо расидан ба худи инсон вобаста аст. Агар байни ҷигарбандон бойигарӣ, тамаъ, ҳисобу китоб, яъсу ноумедӣ роҳ ёбад, лаҳзаҳои гуворо онҳоро тарк мегӯяд. Барои ҳамин, дар кадом шароите, ки набошад, меҳрамонро аз наздиконамон дареғ надорем.

Ин замин, маҳалла, деҳа ё даргоҳе, ки мо табобат гирифта истодаем, ҳамааш майдони пур аз некӣ, инсонпарварӣ. Аммо баъзеҳо ба қадри ҳамин майдон намерасанд, бо хулқи бад, ғайбат, дуздӣ, ҷиноят, бемеҳрӣ онро ба дӯзах табдил медиҳанд. Замини муқаддаси мо аз ин нопокиҳо азият мекашад. Баҳри пешгирии ин бадбахтиҳо чӣ бояд кард? Доноёни гузашта гуфтаанд, ки танҳо некӣ ва меҳру оқибат пеши роҳи бадбахтиҳоро мегирад. Дил – чашмаи меҳр, неъмати бебаҳои инсон, меҳр чун оби чашма ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Чӣ қадаре ба якдигар меҳру мурувват намоем, қалбамон ҳамон қадар тоза мегардад, – аз бисёр ҳарф задан сулфа гулӯгири холаи Фазилат шуд ва як пиёла об нӯшиду каме хомӯш монд.

Дарҳақиқат, майдони некиро танҳо инсонҳои хуб ва бахшоянда аз нопокиҳо тоза намуда, онро аз меҳр, оқибат, ростӣ, инсонпарварӣ, дӯстӣ ва дигар фазилатҳои инсонӣ пур мекунанд. Дар хонадонҳо сулҳу осоиштагӣ ҳукмрон, фарзандони хуб ба воя мерасанд, манзилҳои обод, гулзору чаманзорҳо бунёд мегарданд.

Ҳамин тариқ, бо муолиҷаи беминнати табибони меҳрубон ва суханҳои ҳикматноки ҳампалатаҳоям – занони пурдида ва босабру тамкин шифо ёфта, беморхонаро тарк намудам.

**Саломат АБДУРАҲИМОВА,
муаллимаи мактаби
миёнаи рақами
16-уми шаҳри Гулистон.**

Обуна – 2021

## «Овози тоҷик» – овози шумо!



Ба «Овози тоҷик» – рӯзномаи 96-солаи ягонаи тоҷикии ҷумҳуриявӣ барои соли оянда обуна сар шудааст. Тартиби расмӣ кардани он дар сартосари ҳудуди Ӯзбекистон як хел аст ва аз солҳои пешин фарқ намекунад. Агар то ба охир расидани мавсими обуна он расмӣ карда шавад, тамоми соли 2021 аз он баҳраманд шудан мумкин аст.

Ҳоло тамоми шуъбаҳои алоқа, ширкатҳои хусусӣ ва агентиҳои махсусе, ки бо рӯзнома дар ин бобат қарордод доранд, бо нархҳои гуногун ҳуқуқи обуна карданро соҳибанд.

Шитобед, то аз «Овози тоҷик» бебаҳра намонед!

## «Ман дӯстдори забону каломи тоҷикӣ ҳастам...»

Ба нафақа баромада бошам ҳам, касби бошарафи омӯзгориро идома медиҳам. Ҳаракат мекунам, ки ба хонандагон бо забони адабии тоҷикӣ ҳарф занам. Вагарна, хонанда ба шеваи худ, ба забони гуфтугӯйии маҳалли худ одат мекунад ва барои фаҳмидани забони китоб ва рӯзномаву маҷаллаҳо душворӣ мекашад. Гувоҳи он гардидаем, ки баъзе муаллимон бо шеваи маҳалли худ дарс меомӯзонанд...

Мо – омӯзгорон тарғибкунандаи забони адабии тоҷикӣ ҳастем, бехато хондану навиштан ва сухан гуфтанро насли наврас бояд аз мо омӯзад. Илова бар ин, китоб ва рӯзномаву маҷаллаҳоро бисёртар мутолиа намояд. Ман то худро мешиносам, бо аҳли оилаам «Овози тоҷик»-ро мехонем.

Падару модарам маърифатпарвар буданд, солҳои бачагӣ низ ҳар як шумораи рӯзномаи ягонаи тоҷикии ҷумҳуриро интизор мешудем. Аллакай барои соли оянда низ обуна шудем.

Дӯстдорони забону каломи ноби тоҷикӣ, ҳаммиллатони худшиносу худогоҳро ба рӯзномахонӣ, хусусан ба «Овози тоҷик»-хонӣ даъват мекунам. «Овози тоҷик» розгоҳи мо, забони ширини аҷдодии мост.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,
омӯзгори мактаби 30-юми ноҳияи Нуратои
вилояти Навоӣ.**



## ДАР ФАРҒОНА «КЛИНИКАИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ҶАВОНОН» БА КОР САР КАРД

*Дар бинои Маркази ҷавонони шаҳри Фарғона «Клиникаи ҳуқуқшиносии ҷавонон» кушода шуд.*

*Клиникаи ҳуқуқшиносӣ дар ҳамкорӣ бо Раёсати оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятҳорӣ, Барномаи рушд ва Созмони масъалаҳои таълим, илм ва маданияти СММ, Оҷонсии корҳои ҷавонони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Иттифоқи ҷавонон, Вазорати адлия ташкил гардид.*

*Маълум аст, ки 56 фоизи аҳолии Ӯзбекистонро ҷавонони то 30-сола ташкил медиҳад. Пӯшида нест, ки дар шароити кунунии пандемия имкониятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии аксар ҷавонон маҳдуд мегарданд. Ин вазъият тақозо менамояд, ки ба онҳо ҳамаҷониба кӯмак расонида шавад. Мақсади асосии лоиҳаи мазкур низ маслиҳатдиҳӣ ба ҷавонон, васеъ кардани доираи имконияти онҳо ба шумор меравад.*

*Дар ин клиникаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳолатҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодие, ки дар ҳаёти ҷавонон мушоҳида мешаванд, баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Ҳамчунин ба писарону духтарон барои дастрас намудани ҳуҷҷати шахсӣ, амалӣ намудани ҳуқуқҳояшон бинобар мулк ва замин, масъалаҳои дигаре, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо воқеъ шуданашон мумкин аст, аз ҷониби мутахассисон кӯмакҳои ҳуқуқӣ пешниҳод мегарданд.*

*Дар чорабиние, ки ба муносибати кушоиши клиникаи ҳуқуқӣ баргузор шуд, инчунин дар байни Раёсати адлияи вилояти Фарғона ва Оҷонсии корҳои ҷавонон меморандуми «Дар бораи беш аз пеш афзудани самаранокии фаъолияти клиникаи ҳуқуқӣ» имзо гардид.*

*Худи ҳамон рӯз аз ҷониби масъулони ин маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ба беш аз 40 нафар ҷавонон маслиҳатҳои ҳамаҷониба дода шуданд. Дар анҷоми чорабинӣ дар Технопарки ҷавонони шаҳри Марғелон бо духтароне, ки мехоҳанд бо соҳибкорӣ машғул шаванд, суҳбати «мизи мудаввар» низ ташкил гардид.*

***Дар сурат:** лавҳае аз чорабинӣ.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ӮзА).***

## Ҷашнвораи ҷавонон

Аз 6 ноябр дар пойтахт «Ҷашнвораи ҷавонон» оғоз ёфт, ки як моҳ давом карданаш ба нақша даромадааст. Ба ин муносибат аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Тошканд ва Агентии ҷавонони Ӯзбекистон нишасти матбуотӣ ташкил карда шуд. Таҳти шиори «Тошканд ҷавононро дӯст медорад!» рӯикороии ин чорабинӣ дар самтҳои инноватсионӣ, технологӣ, таълим, варзиш ва маданият, бовар дорем завқбахш ва хотирмон сурат хоҳад гирифт. Агар ҷашнвора воқеан ба ҷавонон ҳарҷониба суд бахшад, онро соле як маротиба, ҳатто дар ҳар шаш моҳ як бор ташкил кардан мумкин.

**М. ШОДИЕВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».**

## Қабули сайёр – омили ҳалли муроҷиатҳо

***Ба қарибӣ дар зиёратгоҳи Бибионаи ноҳияи Чуст бо иштироки намояндагони вазоратҳо, секторҳо, роҳбарони садорати корхона ва муассисаҳои вилояти Намангон бахшида ба омодагӣ ба фасли тирамоҳу зимистон ва барои ҳаллу фасл гардидани муаммоҳои аҳолӣ қабули сайёр баргузор шуд.***

Дар қабули сайёр аз ноҳияҳои Чуст, Поп ва Мингбулоқ муроҷиатчиён иштирок намуданд. Қисми асосии муроҷиатҳо асосан оиди вайроншавии ҳуқуқи шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъмини оби нӯшокӣ, қаноатбахш набудани гази табиӣ, қувваи барқ, дар ҳудуд мавҷуд набудани муассисаи таълими томактабӣ, мумфарш кардани роҳҳо, ободонии мавзеъҳо, гирифтани вомҳои имтиёзнок барои соҳибкорон аз бонкҳо иборат буд.

Муроҷиатҳо ҳамаҷониба омӯхта шуда, барои ҳаллу фаслашон мутасаддиён вазифадор карда шуданд.

Вакилони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Кӯмиртаъминот»-и ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбеккӯмир» ба муроҷиати қариб 40 нафар гӯш андохтанд.

– Ба оилаҳои камбизоат аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Бибиона Файзуллохон Абдуллоев ва аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Янгичаки ноҳияи Чуст Заррина Ашурматова 1 тоннагӣ ангишт пешниҳод кардем, – гуфт мудири анбори ангишт Мирзоакбар Исҳоқов.

– Кӯчаҳои пасту баланд дар рӯзҳои сербориш барои равуои мактаббачагони мактаби миёнаи рақами 5-ум душвориҳо тавлид мекард, – гуфт сокини кӯчаи Маърифати ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Пансадаи ноҳияи Чуст М.Ҷалилов, – умед дорем, ки ин муроҷиати моро ба инобат мегиранд.

Чунин қабули сайёр дар дигар ноҳияҳои вилоят низ баргузор гардид.

**А.МУРОДОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*

НОМИ НЕК

# СИТОРАЕ ДУРАХШИДУ...

Одамоне ҳастанд, ки сад сол умр мебинанд, вале ба мақсади худ намерасанд, баробари дунёро тарк кардан зуд аз хотири дигарон сутурда мешаванд. Гурӯҳи дигаре бо вуҷуди умри кӯтоҳ дар дилу дидаи мардум абадан ҷой мегиранд ва кори неку номи некашон ҳамеша вирди забонҳост.

Исматулло Комилов (ёдаш бахайр!) ҳамагӣ 26 сол умр дид. Ӯ соли 1951 дар собиқ хоҷагии ба номи Сафар Кассиров таваллуд шуд. Ҳанӯз панҷсола буд, ки ба мактаби рақами 45, воқеъ дар деҳаи Деҳқонободи ноҳияи Сариосиё қадам гузошт. Соли 1966 мактабро хатм намуд. Курси яксолаи ҳисобчигиро дар шаҳри Самарқанд ба охир расонда, ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тошканд дохил шуд. Ин ҷавони ташнаи илм ва чусту чолок дар донишкада низ бо баҳои аъло таҳсил мегирифт ва ба ӯ стипендияи дараҷаи олӣ дода буданд.

Тобистон ҳангоми таътил бо як дунё анҷоми варзишӣ ба хона баргашт. Азбаски ӯ аз модар ҳамагӣ семоҳа монда буд, бибии модариаш – кампири Қурбоной ва бобояш Абдулло Умедов парвариши ӯро ба зимма гирифта буданд. Падараш Абдураҳмон Комилов дар вазифаҳои роҳбари хоҷагӣ фаъолият дошт ва лаҳзае аз нигоҳубини ин тифли хурдакак дар канор набуд.

Ҳавлии васеъ дошт. Ин ба Исматулло имкон медод, ки майдончаи волейбол, тенниси рӯи миз ва дигар намудҳои варзишро тартиб диҳад. Писарбачагони деҳа дар ин ҷо бо завқ бозӣ мекарданд. Ҳатто бо фаро расидани таҳсил ҳамсолонаш моҳҳои зиёд ба деҳа баргаштани Исматуллоро интизор мешуданд.

Исматулло бо дониши хуб ва ҳаракатҳои чусту чолокаш диққати устодонро ба худ ҷалб мекард. Соли дувуми таҳсил ӯ ба дастаи волейболбозони донишкада аъзо шуд. Соли 1972 бошад, ба ҷамоаи яккачини мамлакат қабул карда шуд. Дар мусобиқаҳои бонуфуз шаъну шарафи ватанамонро ҳимоя мекард. Ба ӯ унвони «Устоди варзиши Ӯзбекистон» дода шуд.

Соли 1973 пас аз хатми донишкада ба деҳааш баргашт ва дар таълимгоҳи таҳсилкардааш ҳамчун омӯзгор ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар мактаби рақами 45, ки соли 1969 ба истифода дода шуда буд, ягон асбобу анҷоми варзишӣ мавҷуд набуд. Дар ҳавлии мактаб барои майдончаи варзишӣ ҷой буд, вале ҳанӯз холӣ.

Бо саъю кӯшиш ва ташаббуси ӯ ҳам толори варзишӣ ва ҳам майдончаи варзишӣ бо асбобу анҷом ҷиҳозонида шуд.

Барои Исматулло тартиб додани ҷамоаҳои футбол, волейбол, тенниси рӯи миз душвор набуд. Ин ҷамоаҳоро аз ҳисоби шогирдоне ташкил кард, ки дар хонаи бобояш чанд сол инҷониб машқ менамуданд. Соли 1974 мактаб дар ноҳия ва вилоят аз рӯи ин се намуди варзиш ҷойи аввалро соҳиб гашт. Соли 1975 волейболбозони мактаб дар мусобиқаҳои байни мактаббачагон, ки дар шаҳри Фарғона баргузор шуд, иштирок намуда шарафи вилоятамонро ҳимоя намуданд. М. Кассиров, И. Кассиров, Қ. Алиев, М. ва Ҳ. Қараевҳо иштирокчии ин мусобиқа буданд ва соҳиби ҷои дувум ва сазовори медали нуқра гардиданд.

И. Комилов дар мактаб ҳамагӣ 4 сол кор кард. Дар ин муддати кӯтоҳ шогирдонаш дар мусобиқаҳои ноҳиявию вилоятӣ иштирок намуда, ба мактаб 42 ҷом ҳадя намуданд. Ӯ ҳамроҳи инсонҳои наҷиб, варзишгарони хуб кору зиндагӣ мекард. Холбой Саидов, Файзулло Назиров, Иброҳим Нарзуллоев, Ӯктам Қаландаров, марҳумон Зиёратшо Нилобеков ва Аъзам Баҳриддинов (рӯҳашон шод бод!), Бордюжа, Зиёдулло Назаров ва дигарон аз ҷумлаи ин дӯстон ва наздиконаш буданд.

Моҳи январи соли 1977 ӯ директори мактаби варзиши бачагон ва наврасони ноҳия таъин гардид. Агарчи дар ин вазифа хеле кам фаъолият намуд, дар дилу дидаи ҳамкорон таассуроти хубе боқӣ гузошт.

Исматулло 17 июни соли 1977 аз садамаи автомобил вафот кард...

Кори ӯро шогирдонаш Абдусалом Ҷӯраев, Холмирзо Қараев, Шоназар ва Фахриддин Муродовҳо, ки мутахассисони соҳаи варзишанд, давом медиҳанд.

Ҳаёт қонунҳои нонавиштае дорад. Гоҳҳо ниҳолеро дар айни авҷи гул нобуд месозад. Исматулло Комилов низ ҷавоне буд, дилаш пур аз орзуву умед. Вале хеле барвақт бо зиндагӣ падруд гуфт. Номи ӯро ҳамдеҳагон, шогирдон, ҳамкорон ва дӯстонаш бо некӣ ба ёд меоранд.

Ӯ мисли ситора дурахшиду нопадид гардид.

**Меликул КАРИМОВ.**

*Вилояти Сурхондарё.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1135. Адади нашр 642, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.